***ТДУ159.9***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-267-274***

***РОҲҲОИ ИСЛОҲИ СУСТХОНИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ТАВАССУТИ ТЕРАПИЯИ БОЗӢ***

***Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновна,*** *муаллимаи кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ПУТИ КОРРЕКЦИИ НЕУСПЕВАЕМОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ С ПОМОЩЬЮ ИГРОВОЙ ТЕРАПИИ***

***Ходжибаева Ранохон Мухсиновна,*** *преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии факультета психологии и дошкольного образованиии ГОУ «ХГУ имени Б.Гафурова», (Таджикистан, Худжанд)*

***CORRECTIVE WAYS OF LACK OF PROGRESS IN JUNIOR SCHOOLCHILDREN WITH THE HELP OF GAME THERAPY***

***Hojibaeva Ranokhon Muhsinovna,*** *lecturer of the department of social and professional psychology attached at the faculty of psychology and pre-school education under the SEI ""KhSU named after B.Gafurov" (Khujand),*
***E-mail:*** *rkhochiboeva@mail.ru.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *терапияи бозӣ, муносибат, вайроншавии рафтор, психокоррексия, сустхонӣ, фаҳмиш, солимии ҷисмонӣ, мутамарказият, арттерапия, ҳолатҳои эмотсионалӣ, тарбия, фобия, инфантилизм*

*Мақола ба яке аз самтҳои мубрами кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудааст. Дар мақола оид ба мубрамияти ташкили кори таълим ва роҳу усулҳои фаъолгардонии хонандагони хурдсол нақши асосиро ишғол намудааст. Мавқеи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ баҳри ташаккули донишазхудкунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва пешгирии сустхонии онҳо дар мақола ба таври возеҳ шарҳи худро ёфтааст.Масъалаи дигаре, ки мазмуну муҳтавои мақоларо ифшо менамояд, фаъолияти равоншиноси мактаб буда, якчанд усулҳои ёрирасон тавассути терапияи бозӣ барои бартараф намудани сустхонии хонандагон оварда шудааст. Терапияи бозӣ дар мақола барои ислоҳи рафтори агрессивӣ, воситаи беҳтаргардонии ҳолати эмотсионалии баъди ҷудошавии волидон, хонандагони хатари гирифтор ба зӯроварӣ ва партофташуда, пастнамоии тарс, стресс ва изтироб дар хонандагони гирифтори беморӣ, мушкилӣ дар хониш ва сустхонӣ дар таълим равона карда шудааст. Ҳамчунин дар мақола раванди таҳқиқот тариқи корҳои амалӣ – озмоишӣ давом ёфта, дар ду гурӯҳ ташхиси сустхонии таълимӣ ва равандҳои маърифатӣ гузаронида шуааст. Натиҷабардории шудааст, ки усулҳо, машғулиятҳо ва бозиҳои психологӣ барои ташаккул додани равандҳои маърифатӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ - иродавӣ ва хусусиятҳои фардӣ – психологии шахс метавонанд кӯмак расонанд.*

***Ключевая слова:*** *игровая терапия, отношение, расстройство поведения, психокоррекция, неуспеваемоть, физическое здоровье, позиция, концентрация, арт-терапия, эмоциональное состояние, воспитание, фобия, инфантилизм*

*Статья посвящена одному из актуальных направлений воспитания и обучения в учреждениях общего среднего образования. В статье четко разъясняется позиция учителя начальных классов по развитию усвоения знаний младшими школьниками и предотвращению их неуспеваемости.Еще одним вопросом, раскрывающим содержание статьи, является деятельность школьного психолога, представлено несколько методов помощи через игровую терапию по преодолению неуспеваемости учащихся. Игровая терапия, описанная в статье, направлена на коррекцию агрессивного поведения, как средство улучшения эмоционального состояния после разлучения родителей, учащихся, подверженных риску насилия и оставления, снижения страха, стресса и тревожности у учащихся с заболеваниями, трудностями в обучении. Исследовательский процесс был продолжен через практические экспериментальные работы, а в двух группах проведена диагностика отставания в обучении и познавательных процессов. На основании изложенного сегодня можно сказать, что методы, занятия и психологические игры могут способствовать формированию познавательных процессов, эмоционально-волевых состояний и личностно-психологических характеристик человека.*

***Key words:*** *verbalization, play therapy, attitude, behavior disorder, therapy, psycho-correction, education, academic failure, correction, training, understanding, team, physical health, position, concentration, art therapy, emotional states, education, phobia, infantilism*

*The article under study dwells on one of the topical areas of education and training in institutions of general secondary education. In an article devoted to the problem of organizing educational work and ways and methods of activating student youth, he took on the main role. The article clearly explains the position of the primary school teacher on the development of the assimilation of knowledge by younger students and the prevention of their academic failure.Another issue that reveals the content of the article is the activity of a school psychologist; several methods of assistance through play therapy to overcome student failure are presented. Play therapy in the article is aimed at correcting aggressive behavior, a means of improving the emotional state after the separation of parents, students at risk of violence and abandonment, reducing fear, stress and anxiety in students with diseases, learning difficulties. Also in the article, the research process was continued through practical-experimental work, and in two groups, a diagnosis of learning lag and cognitive processes was carried out.Based on the foregoing, today we can say that methods, exercises and psychological games can contribute to the formation of cognitive processes, emotional-volitional states and personal and psychological characteristics of a person.*

Дар шароити кунунии таҳсилот ва рушди босуръати ҷомеа дар соҳаи маориф як қатор навгонӣ ба миён омада истодаанд, ки ин аз омӯзгорон дар кори таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти солими ҷомеа ва насли наврас фаъолияти ҷиддиро металабад.Ин аст, ки новобаста аз фароҳам овардани шароитҳои мусоид дар ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас мушкилот дар рушди психологии хонандагони синни хурди мактабӣ ҳоло ҳам ба назар мерасанд, яъне костагиҳо дар фаҳмиш, омӯзиш, азхудкунии дониш, иштироки фаъол дар дарсҳо, мутобиқшавӣ ва ғайра ба назар мерасанд. Дар раванди фаъолият омӯзгор аз мушкили хонандагон огоҳ мегардад, вале тавассути муносибатҳои умумӣ бо синф таъсир расонида, бартарафсозии хусусиятҳои норасоии равонӣ ба роҳ мемонад. Вале чунин муносибат наметавонад, ба баъзе хонандагони синни хурди мактабӣ кӯмак расонида бошад.Аз нуқтаи назари равонӣ ташаккули солимии руҳии хонанда талаб, менамояд, ки омӯзгор ба ҳар як хонанда вобаста ба хусусиятҳои инфиродӣ - мизоҷ, қобилият ва характер муносибати фардӣ намояд. Аз ин ҷост, ки ҳамин гуфтаҳоро мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки бевосита бо таълиму тарбияи насли наврас корбарӣ намудаанд, ба монанди А.А. Реан, А.Л. Венгер, А.М. Гелмонт, А.Ф. Ануфриев, В.С. Соломина, В.С. Сетлин, Г.А. Новичкова, Г.Ф. Гаврилычева, Д.Б. Элконин, К.В. Бардин, Л.И. Божович, Л.М. Фридман, Л.С. Выготский, Л.Ф. Обухова, М.В. Ермолаева, М.Н. Волокитина, Н.А. Менчинская, Ю.К. Бабанский омӯхтаанд. Ҳамзамон ҳоло хусусиятҳои сустхонии хонандагон ва бартараф кардани он дар ҷараёни таълим тавассути машғулиятҳои равонӣ ҳам ба пурраги омӯхта нашудааст ва ҳам ҷиҳати коркарди ислоҳи равониро мутобиқ ба замони муосири таҳсилот металабад.

Мушкилот дар раванди таълим, хоса он агар дар синфҳои ибтидоӣ пайдо шаванд, барои азхудкунии барномаи таълимии ҳатмӣ ба хонанда халал мерасонанд. Маҳз дар давраи ибтидоии омӯзиш дар хонандагон асосҳои низоми донишҳо гузошта мешавад, ки солҳои баъдӣ пурра мегарданд. Дар ин давра фаъолияти ақлӣ ва таҷрибавӣ, амалу малакаҳое, ки бе вуҷуди онҳо таълими минбаъда ва фаъолияти таҷрибавӣ номумкин аст, ташаккул меёбанд. Набудани ин замина, надоштани донишу малака боиси мушкилиҳо дар азхудкунии барномаи мактаби миёна мегардад, ки дар натиҷа чунин хонандагон аксар вақт аз таҳсил дур мешаванд. Дар ин гуна ҳолатҳо, агар вайроншавии дағалонаи рушд мавҷуд набошад, ба хонанда кӯмаки саривақтӣ ва мувофиқи худаш расонида, корҳои бартарафнамоӣ гузаронидан мумкин буда, лекин барои ин донистани сабабҳои имконпазири он зарур аст[8,с.154].

Дар сарчашмаҳои илмӣ ва методӣ сустхонии мактаббачагон, сабабҳо ва ислоҳи он бештар аз нуқтаи назари педагогӣ баррасӣ карда мешавад. Инчунин сабаби сустхонии хонандагон омода набудани онҳо ба таълими мактабӣ, дараҷаи ниҳоии он - беэътиноӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва педагогӣ, ташаккул наёфтани қобилиятҳои фаъолияти таълимӣ, дарк карда натавонистани мавод аз тарафи хонанда, нодуруст ба роҳ мондани раванди таълим аз ҷониби омӯзгор ва номукаммалии методҳои таълим ва ғайра шуда метавонад. Мутаносибан чораҳое, ки аз ҷониби омӯзгорон барои бартараф кардани камбудиҳои таълимӣ андешида мешаванд, махсусан ба раванди таълим нигаронида шудаанд, инҳо буда метавонад: шарҳи такрории истилоҳҳои нофаҳмо, сӯҳбат оид ба мавзуъ, корҳои мустақилона, дарси иловагӣ ва ғайра. Ҳамчунин ҷустуҷӯ ва азнавкоркунии методҳои нави педагогӣ ва усулҳои бартарафкунии сустхонии

хонандагон амалӣ шудаанд. Сабабҳои равони ва воситаҳои ислоҳкунӣ дар адабиёт ва сарчашмаҳо кам омӯхта шудаанд[7,с.108].

Сустхонӣ - ин ақибмонӣ дар таълим мебошад, ки хонандагон дар вақти ҷудошуда донишҳои дар барномаи таълимӣ пешбинишударо дар сатҳи қаноатбахш аз худ намекунад. Ин натиҷаи бепарвоии волидон, омӯзгорон ва равоншиноси мактаб низ мебошад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки душвориҳои сари вақт ва дуруст бартараф карда шуда, ба хонанда на танҳо имкони мӯътадил хондан, балки саломатии ҷисмонӣ ва психикии ӯро нигоҳ дошта метавонад[7,с.115].

Яке аз роҳҳои ислоҳ намудани сустхонии хонандагон, ки дар раванди таълим ба чашм мерасад – ин ташкили бозиҳои равонии хусусияти ислоҳнамоидошта мебошад. Дар ин маврид равоншиноси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд бозиҳои психологиро ҳамчун терапия ба роҳ монанд.

Терапияи бозӣ имкон дорад, ки муносибати самимиро дар байни аъзони гурӯҳ (яъне коллективи хонандагон, синф ва ё мактаб) фароҳам оварад, шиддатнокӣ, ҳиссиётӣ манфӣ изтироб, тарс дар назди дигаронро ислоҳ менамояд, худбаҳодиҳиро баланд мегардонад, имкон ба худ бовар кардан дар вазъиятҳои гуногун, хавфи натиҷаҳои иҷтимоии муҳимро нест менамояд, қобилияти муносибат карда тавонистан ва диапазони амал карда тавонистан бо ашёи гуногун ба хонанда рушд менамояд.

Эффекти психокоррексионии машғулиятҳои бозӣ дар хонандагон тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои шартии эмотсионалии мусбӣ, иҷтимоишавии онҳо байни хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Муҳимияти бозӣ ва ҳамзамон маҳаки асосии тамоми аспектҳои бозиро нақш ташкил намуда, терапияи бозӣ – ҳамкории омӯзгорон бо бача дар асоси таҷрибаҳои хеш, ҳиссиётҳо, шароитҳои худзоҳирнамоии озодро медиҳад[7,с.126].

Нишондодҳои умумӣ ба гузаронидани терапияи бозӣ: инфантилизми (хусусиятҳои номувофиқи синнусолӣ) иҷтимоӣ, канораҷӯӣ, камгапӣ, реаксияҳои фобиявӣ (тарс), конформнокии аз ҳад баланди аз ҳад зиёд итоаткорӣ, вайроншавии рафтор ва одатҳои бад, муносибати ғайри адекватии нақшӣ-ҷинсӣ дар писарон.

Терапияи бозӣ барои ислоҳи рафтори агрессивӣ, воситаи беҳтаргардонии ҳолати ҳаяҷони баъди ҷудошавии волидон, хонандагони хатари гирифторӣ ба зӯроварӣ ва партофташуда, пастнамоии тарс, стресс ва изтироб дар хонандагони гирифтори беморӣ, мушкилӣ дар хониш ва сустхонӣ дар таълим равона карда мешавад.

Механизмҳои асосии психологии таъсири ислоҳнамоии бозӣ:

1. Низоми намунавии муносибатҳои иҷтимоӣ ба намуди аёнӣ – амалӣ дар шароитҳои махсуси бозӣ, иҷроиши он аз тарафи хонанда ва нишонгирӣ дар ин муносибатҳо;
2. Тағирёбии позитсияи бача дар раванди ҷараёни маърифатӣ ва эгосентризми шахсӣ, ки тавассути он образи «Ман», инчунин қобилияти ҳал карда тавонистани вазъиятҳои муаммовӣ;
3. Ташаккулёбии муносибатҳои ҳақиқӣ чун баробарҳуқуқии муносибатҳои ҳамкорӣбо ҳамсолону байни хонандагон.

Вазифаҳои асосии равоншинос, ҳангоми бурдани терапияи бозӣ:

1. Ташкили фазои қабули хонанда.
2. Ҳамдардии эмотсионалии хонанда.
3. Инъикос ва вербализатсияи ҳиссиёту таассуротҳои максималии хоҳишҳои аниқи хонанда дар раванди бозӣ.
4. Таъмин намудани шароит дар бозӣ барои қаноатмандии шахсият.

Баҳри дар амал тадбиқ намудани терапияи бозӣ имкон ёфтем, то тадқиқотро дар муассисаи таълимӣ гузаронем. Ба ин хотир тадқиқодро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11 - и ноҳияи Ҷаббор Расулов гузаронида, дар раванди он 20 нафар хонандагони 7 сола, ки хонандаи синфи 1 мебошанд, иштирок намуданд. Таҳқиқшавандагон аз ду гурӯҳ иборат буданд: гурӯҳи якумро хонандагоне, ки дар таҳсил муваффақанд, гурӯҳи дуюмро - хонандагони сустхон ташкил доданд[10,с.131].

Таҳқиқот як қатор марҳилаи заруририро дар бар гирифта, дар **марҳилаи аввал** таҳлили адабиёти равоншиносиву педагогӣ оид ба муаммои таҳқиқот гузаронида шуд. Натиҷаи таҳқиқот равшансозии мафҳуми сустхонии мактабӣ; шароит ва омилҳои сустхонии хонандагон; сабабҳои асосии психологии сустхонии мактаббачагон буд.

Дар **марҳилаи дуюм** ба асосҳои назариявию методологӣ такя карда, метод ва методикаҳои таҳқиқот интихоб карда шуд. Чунин раванди ташхис - методҳо ва методикаҳоеро дар бар гирифт, ки ба ҳадафҳои омӯзиш мувофиқанду аз ҷониби назария ва амалияи илмии психологиву педагогӣ санҷида шудаанд.

Дар **марҳилаи сеюм** оид ба сабабҳои психологии сустхонии мактаббачагон таҳқиқоти таҷрибавӣ гузаронида шуд.

Дар **марҳилаи чорум** маводҳои воқеии ба даст овардашуда коркард ва дар бораи сабабҳои психологии сустхонии мактаббачагон хулосаҳо бароварда шуданд.

Аҳамияти амалӣ дар он аст, ки маводи ин таҳқиқотро дар лексияҳо ва семинарҳои психологию педагогӣ, инчунин барои кӯмак ба роҳбарони синф истифода бурдан мумкин аст.

Барои гузаронидани ташхис бо хонандагони таҳқиқшаванда методикаҳо интихоб карда шуданд:

а) Анкетаи А.Ф. Ануфриев ва С.Н. Костромина барои муайян кардани маромнокии таълимӣ;

б) Методикаи омӯзиши мутамарказият ва устувории диққат (модификатсияи методи Перон - Рузер).

**Методикаи 1.** Анкетаи А.Ф. Ануфриев ва С.Н. Костромина барои муайян кардани маромнокии таълимӣ [1,с.59]**.**

Барои ташхиси сатҳи маромнокии таълимии мактаббачагон анкетаи мувофиқ - анкетаи Ануфриев А.Ф., Костромина С.Н. истифода бурда шудааст. Барои гузаронидани методика анкетаи пешакӣ омодакардашуда ва қалам зарур аст. Ба хонандагон анкетаҳо тақсим карда мешавад ва дастур дода мешавад, ки саволҳоро бодиққат хонда, бисёр фикр накарда, аз се варианти ҷавобҳо якеашро интихоб намоянд. Барои анкета вақти зиёд лозим нест, дар муддати кӯтоҳ онро пур кардан мумкин аст.

**Методикаи 2.** Методикаи омӯзиши мутамарказият ва устувории диққат (модификатсияи методи Перон-Рузер).

Барои ташхис намудани диққати хонандагон методикаи омӯзиши консентратсия ва устувории диққат (модификатсияи методи Перон-Рузер) истифода бурда шудааст. Методикаи мазкур дар бораи суръат ва сифати ташаккули малакаҳои содда, азхудкунии усулҳои нави амал тасаввурот дода, барои гирифтани маълумот дар бораи консентратсия ва устувории диққат имконият медиҳад[6,с.207].

Методика бо хонандагони синни томактабӣ ва мактаббачагони хурд гузаронида мешавад. Барои иҷроиши методика қалам, секундомер ва варақаи стандартӣ, ки ҷадвали бо рамз ва рақамҳо ишорашуда иборат аст, истифода мешавад. Таҳқиқотро бо як нафар ё гурӯҳи хонандагон гузаронидан мумкин аст. Шарти асосӣ ҳангоми кор ин қулай нишастани хонандагон, бо қаламу варақаи алоҳида таъмин будани онҳо ва нигоҳ доштани хомӯшӣ ҳангоми тестгузаронӣ мебошад.

*Ба хонанда чунин дастур дода мешавад:* "Ба Шумо варақаи тест пешниҳод шудааст, ки дар онҳо аломатҳо тасвир шуда, бо ададҳо рамзгузорӣ карда шудааст. Бо ишораи “Сар кунед!” ҳарчи зудтар ва бехато аломатҳои ҷадвалҳоро аз рӯи намуна рамзгузорӣ намоед. Барои иҷрои тест 3 дақиқа вақт пешбинӣ шудааст. Ҳангоме ки “Истед!” (Стоп!) мегӯям, қаламро гузоред.

***Натиҷаҳои муқоисавии таҳқиқот***

Баъди он ки барои муайян намудани сабабҳои психологии сустхонии хонандагон методикаҳои ташхисиро истифода намудем, маълум гардид, ки аз сабаби паст будани маромнокии таълимӣ ва равандҳои маърифатӣ хонандагони соли аввали таҳсил дар раванди таълим нисбат ба дигар хонандагон ақиб мемонанд. Аз ин рӯ, бо хонандагони гурӯҳи Б – хонандагоне, ки дар таҳсил ақиб мондаанд, яъне гурӯҳи ташаккулдиҳандаи корҳои амалии мо буданд, барои баланд намудани дараҷаи маромнокии таълимӣ ва равандҳои маърифатии онҳо корҳои гурӯҳӣ - коррексионии психологиро ташкил намудем. Машғулиятҳои коррексионии мо дар як ҳафта ду бор баъд аз дарсҳои муқаррарии онҳо ташкил карда шуд. Аз сабаби он, ки онҳо хонандаи синфи якум буда, мушкилии асосии онҳо ба хотир гирифтан ва аз нав шинохтани ҳарфҳои алифбо мебошад, метод ва методикаҳои нави коррексионии мо ҳам барои бартараф намудани сабабҳои психологии сустхонӣ, яъне ташаккули равандҳои маърифатию маромнокии таълимӣ ва ҳам барои азхудкунонии ҳарфҳо равона карда шуд.

Машғулиятҳои коррексионии мо аз 3 зина иборат буда, зинаи якуми он воридшавӣ ба раванди машғулият ва шиносоӣ бо методикаҳои интихобшуда буд. Дар ин раванд барои бо

хонандагон унс гирифтан бо онҳо сӯҳбати муқаддимавӣ оид ба мавзӯъҳои гуногун гузаронида шуд ва бо тарзи гузаронидани методикаҳои коррексионӣ шиносонида шуд.

Зинаи дуюм - машғул шудан бо фаъолият ба роҳ монда шуд.

Зинаи сеюм бошад, корҳои амалиро ҷамъбаст карда, оид ба машғулият ва ҳолати эмотсионалии хонанда машваратҳои инфиродӣ, сӯҳбат, мусоҳиба гузаронида шуд.

Хонандагони гурӯҳи А. ба корҳои коррексионӣ, ки бо корҳои эҷодӣ вобаста буд, шавқу ҳаваси зиёд зоҳир намуда, дар машғулиятҳо фаъолона иштирок карданд. Баъди ҳар як машғулият ҳам ҳолати эмотсионалии онҳо мусбӣ мешуд, ҳам ҳарфҳоро хуб аз худ мекарданд, инчунин ҳам равандҳои маърифатии онҳо ташаккул ёфта, фикру муносибати онҳо нисбати мактаб дигар гардида, шавқу ҳавас ба раванди таълим зоҳир мешуд. Аллакай баъди 2-3 машғулиятҳо хонандагон бе мушкилӣ методикаҳоро иҷро намуда, озодона муошират мекарданд, бо ҳамсолону омӯзгорон муносибати самимӣ, фаъолнокӣ дар дарсҳо ба мушоҳида расида, изтироб дида намешуд, мустақилият, ташаббускорӣ, дар назди гурӯҳ ва коллектив озодона фикур мулоҳизаашонро изҳор менамуданд ва ғайра ба мушҳида расид.

Баъд аз корҳои коррексионӣ дар гурӯҳи Б - хонандагони сустхон бори дигар бо методикаҳои дар боло қайдкардаамон барои муайян кардани он ки оё ба мақсади худ расидем ё на, бори дигар ташхис гузаронидем. Дар раванди ташхис хонандагон аллакай фаъол буда, бо мустақилнокӣ ба иҷрои методика шурӯъ карданд. Дар натиҷаи ташхис маълум гардид, ки хонандагон нисбат ба пештара дар иҷрои вазифа то ба дараҷае пеш рафтаанд, дар онҳо дараҷаи маромнокии таълимӣ ва равандҳои маърифатӣ ташаккул ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастомадаро дар шакли муқоисавӣ бо натиҷаҳои пеш аз кори коррексионӣ гирифтаамон ба таври ҷадвал нишон медиҳем.

А) Натиҷаҳои муқоисавии таҳқиқот аз рӯи анкетаи муайянкунии дараҷаи маромнокии таълимӣ дар гурӯҳи Б - хонандагони сустхон, ки гурӯҳи ташаккулдиҳанда дар корҳои амалӣ мебошанд.

***Ҷадвали №1Дараҷаи маромнокии таълим дар хонандагони сустхон***

| **Шумораи хонандагон** | **Баланд** | | | | **Миёна** | | | | **Паст** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **то** | | **баъд** | | **то** | | **баъд** | | **То** | | **баъд** | |
| | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** |
| 10 | 1 | 10% | 7 | 70% | 3 | 30% | 3 | 30% | 6 | 60% | 0 | 0% |

***Расми 1. Дараҷаи маромнокии таълимӣ дар хонандагони сустхон***



Б) Натиҷаҳои муқоисавии таҳқиқот аз рӯи анкетаи муайянкунии дараҷаи устувории диққат дар гурӯҳи Б - хонандагони сустхон, ки гурӯҳи ташаккулдиҳанда дар корҳои амалӣ мебошанд.

***Ҷадвали №2. Дараҷаи устувори диққат дар хонандагони сустхон***

| **Шумораи хонандагон** | **Баланд** | | | | **Миёна** | | | | **Паст** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **то** | | **баъд** | | **то** | | **баъд** | | **То** | | **баъд** | |
| | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** |
| 10 | 1 | 10% | 6 | 60% | 2 | 20% | 3 | 30% | 7 | 70% | 1 | 10% |

***Расми 2. Дараҷаи устувории диққат дар хонандагони сустхон***




В) Натиҷаҳои муқоисавии таҳқиқот аз рӯи анкетаи муайянкунии дараҷаи равандҳои хотир дар гурӯҳи Б - хонандагони сустхон, ки гурӯҳи ташаккулдиҳанда дар корҳои амалӣ мебошанд.

***Ҷадвали №3. Дараҷаи равандҳои хотира дар хонандагони сустхон***

| **Шумораи хонандагон** | **Баланд** | | | | **Миёна** | | | | **Паст** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **то** | | **баъд** | | **то** | | **баъд** | | **то** | | **баъд** | |
| | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** | **миқдор** | **%** |
| 10 | 0 | 0% | 7 | 70% | 2 | 20% | 2 | 20% | 8 | 80% | 1 | 10% |

***Расми 3.Дараҷаи инкишофи хотира дар хонандагони сустхон***



Ҳамин тариқ, проблемаи сустхонии мактаб чунон мураккаб аст, ки барои баррасии ҳамаҷонибаи он муносибати умумии таҳлилнамоӣ лозим меояд.

Қафомонии мактабӣ ҳамеша ба як сабаб ё омил не, балки ба якчанд омилҳо асос меёбад ва аксар вақт онҳо якҷоя фаъолият менамоянд.

Муайян карда шуд, ки сустхонии мактаб натиҷаи ҳам сабабҳои ғайрипсихологӣ: шароити оилавию маишӣ, беаҳамиятии педагогӣ, тарбияи волидайн ва ҳам психологӣ: норасоиҳои соҳаҳои маърифатӣ, талабот, ваҷҳнокӣ, хусусиятҳои фардӣ - психологии хонандагон буда метавонад.

Мо бо истифода аз корҳои коррексионӣ – психологӣ машғулиятҳои арттерапевтӣ гузаронида, ба мақсад ва ҳадафи тадқиқоти худ ноил шуда тавонистем. Яъне сустхонии хонандагони синни хурди мактаби ро то ба дараҷае ислоҳ намуда тавонистем. Бемамониат имрӯз метавон гуфт, ки терапияи бозӣ барои ислоҳ ва бартараф намудани равандҳои маърифатӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ - иродавӣ ва хусусиятҳои фардӣ – психологии шахс метавонад, кӯмак расонида бошад. Ҳамчунин, ваҷҳи на танҳо хонандагони синни хурди мактабӣ, балки боз хонандагони синну соли болоиро низ ба таълим бедор намояд, барои азхуднамоии дарсҳо кӯмак карда бошад, душвориҳое, ки дар раванди соли аввали таҳсил ба миён меоянд, яъне ба шароити нави таълимӣ гузаштани бачагон ва риояи қоидаҳои реҷаи рӯз, барқароршавии муносибати байниҳамии муаллиму хонандагон, пастшавии ҳаваси маърифатии хонандагон, хонандагону муаллим ва ба вуҷуд овардани вазъияти солими психологӣ, инчунин муаммоҳо ба монанди омода набудани хонанда ба таълими мактабӣ, дараҷаи ниҳоии он аз эътибор дурмонӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва педагогӣ, дарк карда натавонистани мавод аз тарафи хонанда, нодуруст ба роҳ мондани раванди таълим аз ҷониби омӯзгор ва номукаммалии методҳои таълим метавонад ба зудӣ таъсири мусбӣ раонида, бартараф карда бошад. Бо ин метавон гуфт, ки терапияи бозӣ ба муаллимон баҳри таълиму тарбияи хонандагони синни хурди мактабӣ имконияту кӯмаки хубе бошад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Ануфриев, А.Ф. Как преодолеть трудности в обучении детей. Психодиагностические таблицы. Психодиагностические методики. Коррекционные упражнения/ А.Ф.Ануфриев, С.Н.Костромина.- М.:Ось – 89, 2016. - 224 с.
2. Блонский, П.П. Психология младших школьников / П.П. Блонский – М.: Воронеж: Ин-т практической психологии, 2012. - 574 с.
3. Божович, Л.И. Психологический анализ значения отметки как мотива учебной деятельности школьников/Л.И.Божович.-М.: Известия АПН РСФСР, 2011. – №36. – 293 с.
4. Венгер, А. Л. Психологическое обследование младших школьников/А.Венгер. – М.: « ВЛАДОС – ПРЕСС», 2004. - 534 с.
5. Волокитина, М.Н.Неуспеваемость школьников/М.Н.Волокитина.–М.:«ВЛАДОС-ПРЕСС», 2004. - 534 с.
6. Гельмонт, А.М. О причинах неуспеваемости и путях ее преодоления/А.М. Гельмонт.– М.: Просвещение, 2014. - 326 с.
7. Дастури психологияи амалӣ. Нашри таълимӣ барои психологҳо, психотерапевтҳо, коркунони соҳаи иҷтимоӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ. Зери таҳрири Н. М. Юнусова. - Душанбе, нашриёти «СОБИРИЁН», с. 2004.-336 с.
8. Ермолаева, М.В. Психология развития/М.В.Ермолаева.-М.:Московский психолого-социальный институт, НПО МОДЭК, 2013. - 376 с.
9. Зимняя, И.А. Педагогическая психология/И.А.Зимняя,– М.: Логос, 2009. - 165 с.
10. Калмыкова, З.И. Проблема преодоления неуспеваемости глазами психолога/З.И Калмыкова. – М.: Знание №3, 2013. - 324 с.
11. Мамайчук, И.И. Психокоррекционные технологии для детей с проблемами в развитии / И. И. Мамайчук – СПб.: Речь, 2006. – 400 с.
12. Менчинская,Н.А.Психологические проблемы неуспеваемости школьников/ Н.А.Менчинская.-М.: Педагогика, 2014. - 272 с.
13. Методы арт-терапевтической помощи детям и подросткам: отечественный и зарубежный опыт / Под ред. А.И. Копытина. − Москва: Когито-Центр, 2012. — 286 с.
14. Практикум по арт-терапии / Под ред. А. И. Копытина. — СПб.: Питер, 2001. — 448 с: ил. — (Серия «Практикум по психологии»).
15. Психопрофилактика. Учеб. пособие. – СПб.: Питер, 2009. –368 с.

16.Реан, А.А. Психология человека: от рождения до смерти. СПб.: Прайм-ЕВРОЗНАК, 2013. 656 с.
17.Сакович,Н.А. Технология игры в песок. Игры на мосту. – СПб.: Речь, 2006. −176с.
18.Соломина, В.С. Возрастная психология: феноменология развития, детство, отрочество/ В.С.Соломина. - М.: Академия, 2013. - 456 с.
19.Фридман, Л.М. и др. Изучение личности учащегося и ученического коллектива/Л.М. Фридман. - М.: Академия, 2013. - 404 с.
20.Цетлин, В.С. Неуспеваемость школьников и ее предупреждение/В.С.Цетлин.-М.:Академия, 2015. - 332 с.
21.Шевченко, С.Г. Коррекционно - развивающее обучение. Организационно-педагогические аспекты/ С.Г.Шевченко. - М.: Академия, 2014. - 213 с.

**REFERENCES:**

1.Adorno T., Horkheimer M. Enlightenment Dialectic: Philosophical Fragments. St. Petersburg: Medium; Juventa, 1997.
2. Baksansky O.E., Kucher E.N. Cognitive image of the world: scientific monograph / O.E. Baksansky, E.N. Coachman. M.: "Kanon +" ROOI "Rehabilitation", 2010 - 224 p.
3. Introduction to mathematical modeling: Proc. allowance / Ed. P.V. Trusova. – M.: Universitetskaya kniga, Logos, 2007. – 440 p.
4.Volkov Yu.G., Polikarpov V.S. Man: Encyclopedic Dictionary. – M.: Gardariki, 2000. – 520 p.
5.Hermann Haken. How the Brain Works: A Synergistic Approach to Brain Activity, Behavior and Cognition. – M.: PER SE, 2001. – 351 p.
6. Humanitarian knowledge and challenges of the time / Responsible. ed. and compiler of the volume S.Ya. Leviticus. M.: St. Petersburg: Center for Humanitarian Initiatives; University book, 2014. - 480 p. (Series "Humanitas")
7. Ignatova N. Yu. Education in the digital age: monograph - Nizhny Tagil: NFT (branch) UrFUb, 2017. - 128 p.
8. Innovations in the modern system of education: approaches and solutions: collective monograph / otv. ed. A. Yu. Nagornova - Ulyanovsk: Zebra, 2016. - 494 p.
9. Innovative processes in science and education: monograph / Ed. ed. G. Yu. Gulyaeva - Penza: ICNS "Science and Education", 2019 - 218 p.
10. Mayer B.O. Cognitive aspects of modern philosophy of national education: monograph. / B.O. Mayer; resp. ed. N.V. Nalivaiko // Ros. acad. Sciences, Institute of Philosophy. and law [and others] - Novosibirsk: Publishing House of the Siberian Branch of the Russian Academy of Sciences, 2006 - 276 p. – (Appendix to the journal "Philosophy of Education", Volume XXII)
11. Brain, cognition, mind: an introduction to cognitive neurosciences [Electronic resource]: in 2 hours, Part 1 / ed. B. Baars, N. Gage; per. from English. ed. prof. V.V. Shulgovsky. – M. : BINOM. Knowledge Laboratory, 2014. - 552 p.
12. Skrebtsova T. G. Cognitive linguistics: classical theories, new approaches - M.: YaSK Publishing House, 2018. - 391 p.
13. Ernst Junger. Gestalt change. Forecast for the XXI century / Per. with him. and after. A. Mikhailovsky. - M .: Edition of the Tsiolkovsky bookstore, 2018. - 8o s.
14.Yudin BG Science and knowledge society // Questions of Philosophy. - 2010.-№. 8.(URL:http://vphil.ru/index.php?option=com_content&task=view&id=193&Itemid=52
15.Bermúdez J. L. Cognitive science: an introduction to the science of the mind. Second edition – New York: Cambridge University Press, 2014 – 552 p.
16.Rean A.A.Human psychology: from birth to death.St.Petersburg: Prime-EVROZNAK,2013.-656 p.
17. Sakovich N.A. Sand play technology. Bridge games. - St. Petersburg: Speech, 2006. -176 p.
18.Solomina V.S. Developmental psychology: phenomenology of development, childhood, adolescence. - M.: Academy, 2013. - 456 p.
19. Fridman L.M. and other Study of the personality of the student and the student team. - M.: Academy, 2013. - 404 p.
20.Tsetlin V.S. School failure and its prevention. - M.: Academy, 2015. - 332 p.
21.Shevchenko S.G. Correctional and developmental training. Organizational and pedagogical aspects. - M.: Academy, 2014. - 213 p.